**Маълумот**
**оид ба қарзи давлатӣ ва сармоягузориҳои давлатӣ**
**ба ҳолати 1 апрели соли 2024**

Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 апрели соли 2024 маблағи 3,6 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба 27,5 фоизи ММД баробар мебошад *(барои муқоиса: ба ҳолати 1 январи соли 2024 – 30,2% буд).*

Аз ҷумла:

- 3,2 млрд доллар (89 %) - қарзи беруна;
- 0,4 млрд доллар (11 %) - қарзи дохилӣ.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор

## ҚАРЗИ БЕРУНАИ ДАВЛАТӢ

Тибқи маълумот ҳаҷми умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 апрели соли 2024-ум 3,2 млрд долларро ташкил медиҳад, ки ин ба 24,6 фоизи ММД баробар мебошад.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор ба таври зерин ташаккул ёфтааст:

- қарзи бевоситаи давлатӣ 3 095,1 млн доллар;
- қарзҳо бо кафолати давлатӣ 140,8 млн доллар.

Дар семоҳаи якуми соли 2024 ҳаҷми умумии қарзи беруна, бо дарназардошти баргардонидани қарзҳо дар доираи як қатор лоиҳаҳо ва фарқияти қурбӣ маҷмӯан ба маблағи 7,5 млн доллар кам гардид.

Мушаххасан, тағйирёбӣ аз амалиётҳои зерин иборат мебошад, аз ҷумла:

- афзоиши азхудкунии маблағҳои қарзӣ: 54,9 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби фарқияти қурби асъор: 23,5 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби пардохти қарзи асосӣ: 38,8 млн доллар

Азхудкунии маблағҳо аз манбаъҳои зерин анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| - Бонки Умумиҷаҳонӣ | 5,8 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Рушд | 0,5 млн доллар |
| - Бонки Исломии Рушд | 7,7 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 29,4 млн доллар |
| - Фонди СДСН (ОПЕК) | 3,0 млн доллар |
| - Фонди Байналмилалии Рушди Кишоварзӣ | 1,7 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохтор | 2,7 млн доллар |
| - Фонди Саудии Рушд | 0,3 млн доллар |
| - Кафолатҳои БАТР | 2,3 млн доллар |
| Ҳамагӣ: | 54,9 млн доллар |

Дар семоҳаи якуми соли 2024 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 64,4 млн доллар пардохт шудааст, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 38,8 млн доллар ва фоизи қарз 25,6 млн долларро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ аз манбаъҳои зерин анҷом дода шуд:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (танҳо барои пардохти қарзи берунаи бевоситаи давлатӣ) 64,2 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 38,7 млн доллар ва фоизи қарз 25,5 млн доллар;
- аз ҳисоби муассисаю ташкилотҳои давлатӣ барои хизматрасонии қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда 0,24 млн доллар.

Инчунин, ба сохтори қарзи беруна қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда ворид гаридаанд, ки ба ҳолати 1 апрели соли 2024 маблағи умумии 140,8 млн долларро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ дар назди Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд то санаи 30 ноябри соли 2015 мустақиман 15,9 млн сомонӣ баробар ба 2,4 млн доллар пардохт гардида, қисмати боқимонда дар ҳаҷми 23,0 млн доллар аз

сабаби пардохтнопазир гардидани ҳолати молиявии корхона, аз ҷониби Вазорати молия ҳамчун кафолатдиҳанда анҷом дода шуда истодааст.

Бо КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» шартномаҳои иҷрои уҳдадорӣ ба имзо расонида шуда, пардохти қарз таҳти назорат қарор дорад.

Тибқи шартномаҳои баимзорасида, аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар назди Вазорати молия, маблағи қарзи асосӣ бо дарназардошти ҷарима ба миқдори 11,7 млн доллар пардохт гардид, аз ҷумла:

ҷаримаи пардохтшуда – 2,6 млн доллар

қарзи асосии пардохтшуда – 9,1 млн доллар

Боқимонда маблағи қарздории корхона дар назди Вазорати молия ба ҳолати 1 апрели соли 2024 бо дарназардошти ҷаримаҳо 14,9 млн долларро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали қарзи беруна замима шудааст (замимаи 1).*

## ҚАРЗИ ДОХИЛИИ ДАВЛАТӢ

Қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 апрели соли 2024 маблағи умумии 4,3 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 3,0 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар соли 2024 бо мақсади хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ маҷмуан 501,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 180,8 млн сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» 320,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои қарзи дохилии давлатӣ дар се моҳи соли 2024 аз рӯи коғазҳои қиматноки давлатӣ ва қарзи ҷалбгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллӣ дар маҷмуъ 119,99 млн сомонӣ пардохт карда шудааст, ки аз он қарзи асосӣ 104,37 млн сомонӣ ва фоизи қарз 15,62 млн сомониро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи асосӣ дар доираи қарзи дохилии давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ (104,37 млн сомонӣ), аз ҷумла:

- аз ҳисоби хароҷоти ҷории нақшаи Буҷети давлатӣ пардохти қисми қарзи асосии қарзе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллӣ ҷалб намудааст ба маблағи 35,0 млн сомонӣ;

- аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои Буҷети давлатӣ пардохти қарзи асосии векселҳои хазинадории Вазорати молия барои пӯшонидани касри буҷет ба маблағи 49,87 млн сомонӣ;

- аз ҳисоби ба фурӯш рафтан ё ба иҷора додани боқимонда молу мулки ба моликияти давлат қабулгардида ва тавассути ҳисоббаробарии амонатҳо бо Бонки миллӣ пардохти қарзи асосии векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ба маблағи 11,23 млн сомонӣ;

- аз ҳисоби ба фурӯш рафтан ё ба иҷора додани боқимонда молу мулки ба моликияти давлат қабулгардида ва тавассути ҳисоббаробарии амонатҳо бо Бонки миллӣ пардохти қарзи асосии векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК «Агроинвестбонк» ба маблағи 8,26 млн сомонӣ;

Хизматрасонии фоиз дар доираи қарзи дохилии давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ (15,62 млн сомонӣ), аз ҷумла:

- аз ҳисоби хароҷоти ҷории нақшаи Буҷети давлатӣ пардохти фоизҳои векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ба маблағи 7,66 млн сомонӣ;

- аз ҳисоби хароҷоти ҷории нақшаи Буҷети давлатӣ пардохти фоизҳои векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК «Агроинвестбонк» ба маблағи 7,66 млн сомонӣ;

- пардохти фоизи қарзе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллӣ ҷалб намудааст, ба маблағи 0,17 млн сомонӣ;

- аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои Буҷети давлатӣ пардохти фоизи векселҳои хазинадории Вазорати молия барои пӯшонидани касри буҷет ба маблағи 0,13 млн сомонӣ пардохт гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ уҳдадориҳои 30 ташкилоту корхонаҳои беэътимодмонда, ки муҳлати даъвояшон гузаштааст ва қарздории онҳо дар назди Буҷети давлатӣ то инҷониб боқӣ мондааст, ҳамчун дороиҳои молиявии давлатӣ ҳисобида шудаанд, маблағи 454.4 млн сомониро ташкил медиҳад.

Қарзи ташкилотҳои барҳамхурда, ки дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳисоббаробаркунӣ ба зиммаи Вазорати молия вогузор карда шудааст, аз он ҷумла:

- дебиторҳо 74,2 млн сомонӣ;
- кредиторҳо 55,9 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 1 апрели соли 2024 тавассути БА ҶТ «Амонатбонк» аз ҳисоби қарзҳои ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон ва қарз ба гурезаҳо, ки тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои қаблӣ ва ҳамасола аз буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд, дар маҷмуъ маблағи 91 389 ҳазор сомонӣ баргардонида шуд, ки аз он:

муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ (қарзи асосӣ) – 89 889 сомонӣ;

хизматчиёни давлатӣ (қарзи асосӣ) - 1500 сомонӣ;

Дар натиҷа, бақияи қарзҳои БА ҶТ «Амонатбонк» ба ҳолати 1 апрели соли 2024 маблағи 91,9 млн сомониро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали қарзи дохилӣ замима шудааст (замимаи 2).*

## ЛОИҲАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар ҷумҳурӣ 86 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи умумии 4,7 млрд доллари амрикоӣ, аз ҷумла 3,2 млрд доллар маблағи грантӣ, 1,4 млрд доллар маблағи қарзӣ ва 153,3 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мавриди татбиқ қарор гирифтаанд.

Аз лоиҳаҳои амалкунанда 751,7 млн. доллари амрикоӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, 3,8 млрд доллари амрикоӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва 128,7 млн доллари амрикоӣ ба дигар соҳаҳо равона гардиданд.

Дар семоҳаи якуми соли 2024-ум аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (бо қурби асъори буҷетӣ, яъне 1 доллари амрикоӣ баробар ба 13,21 сомонӣ) 1 377,6 млн сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст, ки ин ба 116,5 фоизи нақшаи тасдиқшудаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои семоҳаи якуми соли 2024 баробар мебошад.

Аз ҷумла дар соҳаи:

- ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, 3 лоиҳа ба маблағи умумии 85,7 млн доллари амрикоӣ амалӣ шуда истода, аз ин ҳисоб дар сеоҳаи якуми соли 2024-ум 45,9 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- мудофиа, 1 лоиҳа ва  лоиҳаи маблағгузории иловагии он ба маблағи умумии 43,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 9,4 млн сомонӣ маблағи грантӣ аз худ гардидааст;

- маориф, 10 лоиҳа ба маблағи умумии 349,7 млн доллари амрикоӣ амалӣ шуда истода, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 90,7 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- тандурустӣ, 8 лоиҳа ба маблағи умумии 323,9 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 164,8 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- хоҷагии манзилию коммуналӣ, 15 лоиҳа ба маблағи умумии 355,8 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 119,8 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- фарҳанг ва варзиш, 3 лоиҳа ба маблағи умумии 78,00 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин дар се моҳи соли 2024-ум 49,2 млн сомонӣ маблағи грантӣ аз худ гардидааст;

- энергетика, 19 лоиҳа ба маблағи умумии 1,8 млрд доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 305,7 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- кишоварзӣ, 14 лоиҳа ба маблағи умумии 556,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 118,8 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- нақлиёт, 13 лоиҳа ба маблағи умумии 1,1 млрд доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар се моҳи соли 2024-ум 473,1 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

*Ҷадвалҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ замима шудаанд (замимаҳои 3 ва 4).*

## СОЗИШНОМАҲОИ ЗЕРҚАРЗӢ ВА ҚАРЗӢ

Ба ҳолати 1 апрели соли 2024 маблағҳои баргардонидашуда аз ҷониби ташкилотҳо аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ ва қарзӣ тибқи ҷадвали пардохт дар маҷмӯъ 60,7 млн сомониро ташкил медиҳад (қарзи асосӣ 53,7 млн сомонӣ ва фоизи қарз 7,0 млн. сомонӣ).

Баргардонидани қарз аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ:

| Баргардонидани қарз аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ | |
|---|---|
| ҶСК «Барқи Тоҷик» | 43,9 млн сомонӣ |
| КВД «Обу корези Душанбе» | 4,7 млн сомонӣ |
| ҶСК «Помир Энерҷӣ» | 5,0 млн. сомонӣ |
| ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 5,5 млн. сомонӣ |
| КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 1,2 млн. сомонӣ |
| ҶСК «Тоҷиктрансгаз» | 0,5 млн. сомонӣ |
| Ҳамагӣ | 60,7 млн сомонӣ |

Дар семоҳаи якуми соли 2024 аз уҳдадориҳои умумии молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик», ки 115,5 млн сомониро ташкил медиҳад, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 ҳамагӣ 43,9 млн сомонӣ ё 38 фоизи уҳдадориҳо таъмин шудааст.

Бояд қайд намуд, ки маблағҳои мазкур аз ҳисоби пардохти маблағҳои қувваи барқи ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ *(суратҳисоби 197),* яъне аз ҳисоби Буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2024 қарздории КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори доллари амрикоӣ дар маҷмуъ 4,0 млн доллар, аз ҷумла фоизи қарз 3,6 млн доллар ва ҷарима 437,4 ҳазор доллар, инчунин аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори юани хитоӣ дар маҷмӯъ 17,7 млн юани хитоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 16,0 млн юани хитоӣ ва ҷаримаи ҳисобшуда 1,7 млн юани хитоиро ташкил медиҳад.

Қарздории ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори доллари амрикоӣ дар маҷмуъ 1,1 млн доллари амрикоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 1,0 млн доллар ва ҷарима 38,6 ҳазор доллар ва аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори юани хитоӣ дар маҷмӯъ 4,3 млн юани хитоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 4,3 млн юани хитоӣ ва ҷаримаи ҳисобшуда 38,4 ҳазор юани хитоиро ташкил медиҳад.

Қарздории ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ дар маҷмуъ 19,8 млн евро, аз ҷумла қарзи асосӣ 12,1 млн евро, фоизи қарз 2,4 млн евро ва ҷарима маблағи 5,3 млн евроро ташкил медиҳад.

Уҳдадории умумии ҶСК «Тоҷиктрансгаз» дар назди Вазорати молия аз рӯи 4 созишномаи зерқарзӣ дар семоҳаи якум соли 2024 дар маҷмӯъ 18,7 млн доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 6,9 млн доллар, фоизи қарз 5,6 млн доллар ва ҷарима 6,2 млн долларро ташкил медиҳад.

Уҳдадории умумии ҶСК «НБО Роғун» дар назди Вазорати молия аз рӯи созишномаи зерқарзӣ дар семоҳаи якуми соли 2024 дар маҷмӯъ 187,9 млн доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 35,7 млн доллар, фоизи қарз 151,3 млн доллар ва ҷарима 863,7 ҳазор долларро ташкил медиҳад.

Қарздории ташкилотҳо аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ дар маҷмӯъ 14,6 млрд сомонӣ (ё 1,3 млрд доллар) ва тибқи ҳалномаҳои судӣ аз рӯи созишномаҳои баитмомрасида дар маҷмӯъ 73,1 млн сомонӣ (ё 6,7 млн доллар) ташкил медиҳад.

*Ҷадвалҳои созишномаҳои зерқазӣ замима шудаанд (замимаҳои 5 ва 6).*

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон